# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)**

Жуковский В.А. аз ҷумлаи ховаршиносони пуркор ва пухтакори рус аст, ки ба масоили гуногуни забону адабиёти форсӣ ва таъриху фолклори мардуми эронӣ пардохта, вобаста ба ин масоил як зумра осори мондагоре ба ёдгор гузоштааст. Минбаъд дилхоҳ муҳаққиқе, ки ба ин масоил машғул гардидааст, то ҷое аз осори ин донишманди шуҳратёр баҳрабардор будааст, ки ин аз арзишу эътибори заҳамоти илмии Жуковский дарак медиҳад.

Бо он ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмию таҳқиқотии Жуковский В.А. иддае аз донишмандони соҳаи филология изҳори назар кардаанд, маҳз дар диссертатсияи Алиев Султон масъалаи мазкур ба таври густардаву фарогир мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори илмии мазкур аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** тибқи муқаррарот мубрамии мавзуи таҳқиқ ва зарурати омӯзиши он, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои диссертант аз таҳқиқи мавзуъ, предмет, объект ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои таҳқиқ баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Зиндагинома ва осори В.А. Жуковский**» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал – **«Шарҳи ҳоли илмии В.А. Жуковский»** диссертант натиҷаи пажӯҳиши худро оид ба зиндагиномаи муҳаққиқ рӯйи коғаз овардааст. Фасли дуюми боби аввал, ки **«Осори илмии В.А. Жуковский»** номгузорӣ шудааст, ба таҳлилу баррасии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии В.А. Жуковский бахшида шудааст. Диссертант дар ин қисмати кори худ осори илмии ин муҳаққиқи шуҳратёрро аз рӯйи мавзую мухтаво ба панҷ гурӯҳ тақсим намуда, оид ба ҳар яке аз ин гурӯҳҳо маълумоти муфассал додааст.

Боби дуюми диссертатсияи мавриди назар **«Масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баррасии В.А. Жуковский»** унвон дошта, фарогири панҷ фасл аст. Дар ин фаслҳо диссертант муҳимтарин осори илмии ба таърихи адабиёти форсу тоҷик бахшидаи Жуковский, аз

қабили таҳқиқоти ба рӯзгор ва осори Анварии Абевардӣ, рубоиёти Хайём, адабиёти аҳди Сомониён, таҳқиқ ва тарҷумаи осори адабиёти тасаввуфӣ, ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ бахшидашударо мавриди нақду баррасӣ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Саҳми В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи маводи осори шифоҳии мардуми эронӣ»** унвон дорад, фаъолияти фолклоршиносии ин муҳаққиқи барҷастаи рус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки ба василаи далоили зиёде саҳми В.А. Жуковскийро дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нашру тадвини осори шифоҳии мардуми Эрон муайян намояд.

Дар қисмати **«Хулоса»** диссертант андешаву афкори худро оид ба масоили гуногуни баррасишаванда натиҷагирӣ ва ҷамъбаст намудааст.

Тавре мушоҳида мешавад, дуруст интихоб намудани мавзуъ, усул ва равишҳои таҳқиқ, вусъати доираи таҳқиқ ва амиқандешӣ ба диссертант имкон додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ расида тавонад ва мавзуи пешниҳодшударо хеле хуб ҳаллу фасл намояд.

Авторeферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз кӯшиши тозагӯӣ, мустақилияти фикрӣ, ковиш ва ҷустуҷӯҳои пурсамари илмии диссертант дарак медиҳанд. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ ва таҳқиқотии диссертатсия бақувват буда, ҷавобгӯи талаботи гузошташуда мебошанд.

Гуфтан мумкин аст, ки мавзуъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ баромадааст.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар авторeферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи саривақтии онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муаллифи авторeферат баъзан калимаҳоро дар таркиби ибора нодуруст меорад, ки ин амал боиси халалдор гардидани иртиботи маъноии калимаҳо мегардад. Барои мисол, ба ҷойи ибораи «илми ховаршиносии рус» «илми ховаршиносони рус» (саҳ. 4) ва ба ҷойи «адибони форсигӯ ва ё форсизабон» «адибони форсӣ» (саҳ. 5) мегӯяд, ки ин ибораҳои сохтаи ӯ мантиқан нодурустанд.

2. Дар авторeферат аҳёнан ҷумлаҳои услубан ғалат ба назар мерасанд. Барои мисол, байни ин ду ҷумлаи сода, ки дар таркиби як ҷумлаи мураккаби тобеъ оварда шудаанд, иртиботи маъноиву мантиқӣ мавҷуд нест: «Бинобар ин, дар ин ҷо саъй шудааст, ки муайян кардани

ҷойгоҳи илмии В.А. Жуковский дар ховаршиносии рус ва Аврупо аз авлавиятҳои ин таҳқиқ ба шумор меравад» (саҳ.6).

3. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ дар матни автореферат аҳёнан ба назар мерасанд (саҳифаҳои 5,7,12,14,15...).

Ба андешаи мо, эродҳои овардашуда арзиши илмии автореферата коста нагардонанд ҳам,ислоҳи онҳо арзиши онро болотар менамояд.

Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Аҳмадов С.Г.
21.05.2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯч. С. Раҳимов, 7/26.
Тел.: (+992) 907564377; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои Аҳмадов Сафармад Гадомадовичро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.
21.05.2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: ktsu78@mail.ru